Ҳар мусалмон уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯз як бор ғусл кунад ва дар он сару бадани худро бишӯяд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар мусалмон уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯз як бор ғусл кунад ва дар он сару бадани худро бишӯяд."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳар як мусалмони болиғу оқил уҳдадор аст, ки дар ҳафт рӯзи ҳафта як бор ғусл кунад ва дар он ғусл сару баданашро барои покӣ ва тозагӣ бишӯяд. Шоистатарин рӯз барои ин кор, чунон ки дар баъзе ривоятҳо омадааст, рӯзи ҷумъа аст. Ғусл дар рӯзи ҷумъа ва пеш аз намози ҷумъа бо таъкид мустаҳаб аст, ҳатто агар рӯзи панҷшанбе ғусл карда бошад. Ва он чи воҷиб будани ин ғуслро ба мустаҳаб поин меорад, сухани Оиша (разияллоҳу анҳо) аст, ки мефармояд: "Мардум дар кору талоши худ буданд ва чун ба намози ҷумъа мерафтанд ба ҳамон шакли (ва либоси кор) худ мерафтанд, пас ба онон гуфта шуд: "Агар ғусл кунед (беҳтар аст)" дар ривояти Бухорӣ. Ва дар ривояти дигаре аз ӯ чунин омадааст: "Бӯ доштанд" яъне бӯйи арақ ва монанди он ва бо ин ҳол ба онон гуфта шуд: "Агар ғусл мекардед". Бинобар ин барои дигарон аз боби авло (ғусл воҷиб нест).

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65084

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee